**№1512/13.1-д аз 31.01.2020**

Мақомоти ҳудудии андоз

нусха: Шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020, №1659 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардидааст.

Мутобиқи банди 8 қонуни мазкур дар моддаи 603[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, яъне барои ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди маълумоти носаҳеҳ оид ба шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ вобаста ба қабули қарор дар бораи барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳӣ ва (ё) ворид намудани тағйиру иловаҳо ба маълумоти дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мавҷудбуда, дар сурате, ки пешниҳоди чунин маълумот ҳатмист, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шудааст:

-дар санксияи қисми 1 калимаҳои: «аз ду то се», «аз панҷ то даҳ», «аз даҳ то понздаҳ» ва «аз бист то сӣ» мувофиқан ба калимаҳои «аз панҷ то даҳ», «аз бист то сӣ», «аз сӣ то чил» ва «аз сад то дусад» иваз карда шуданд;

- дар санксияи қисми 2 калимаҳои «аз панҷ то ҳафт», «аз даҳ то бист», «аз бист то сӣ» ва «аз чил то панҷоҳ» мувофиқан ба калимаҳои «аз даҳ то понздаҳ», «аз сӣ то панҷоҳ», «аз панҷоҳ то ҳафтод» ва «аз дусад то сесад» иваз карда шуданд;

-дар санксияи қисми 3 калимаҳои «аз ҳафт то даҳ», «аз понздаҳ то бист», «аз сӣ то сию панҷ» ва «аз панҷоҳ то сад» мувофиқан ба калимаҳои

«аз бист то сӣ», «аз панҷоҳ то ҳаштод», «аз сад то дусад» ва «аз чорсад то панҷсад» иваз карда шуданд;

- дар санксияи қисми 4 калимаҳои «аз бист то сӣ» ва «аз чил то панҷоҳ» мувофиқан ба калимаҳои «аз панҷоҳ то сад» ва «аз сад то дусад» иваз карда шуданд.

- қисми 5 бо мазмуни зерин илова гардид:

“5. Барои ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод накардан, сари вақт пешниҳод накардан ва ё пешниҳод кардани маълумоти носаҳеҳ дар бораи молик-бенефитсиари шахси ҳуқуқӣ,

ба шахсони мансабдор ба андозаи аз сад то дусад ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз чорсад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.”.

Тағйироти мазкур ва нисбатан зиёд кардани андозаи ҷаримаҳои маъмурӣ бо мақсади дар руҳияи риояи бечунучарои қонунҳо тарбия кардани шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии нави маъмурӣ ҳам аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам аз тарафи шахсони дигар амалӣ карда шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 2 қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Бо назардошти он ки Қонун дар нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷумҳурият” санаи 7 январи соли 2020 (№4-5) ба чоп расидааст, тағйироти қабулгардида аз санаи мазкур мавриди амал қарор дода шудааст.

Ҳамзмон, хотиррасон менамоем, ки мутобиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020” аз 1 январи соли 2020 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, дар ҳаҷми 58 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Бо назардошти муқарраротҳои дар боло қайдгардида, сардорони мақомоти ҳудудии андоз, шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор карда мешаванд, ки тамоми кормандони андозро бо мактуби дастурии мазкур шинос намуда, бо мақсади дуруст татбиқ намудани талаботи он нисбати субъектҳои хоҷагидорӣ чораҷӯӣ намуда, аз натиҷаи он ба Кумитаи андоз ахборот пешниҳод намоянд.

Замима: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020, №1659 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҳаҷми 2 варақ.

Раис Н. Давлатзода